Замимаи №1
Ба Барномаи давлатии сармоягузориҳо, грантҳо ва сохтмони асосӣ барои солҳои 2015-2017, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «31» декабри соли 2014
тасдиқ шудааст.

# СИЁСАТИ СТРАТЕГИИ БАХШҲОИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

## СИЁСАТИ СТРАТЕГИИ БАХШҲОИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| **КИШОВАРЗӢ** | Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои меҳнатталаб буда, 21 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва 46 фоизи аҳолиро бо ҷои кор таъмин менамояд.<br>Аз масоҳати умумии 4,7 млн. гектари заминҳои кишоварзӣ, заминҳои корам 865 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки ба ҳар сари аҳолии деҳот 0,10 гектар рост меояд. Тақрибан 66,2% (572 ҳазор гектар) заминҳои корам, заминҳои обӣ буда, айни замон аз сабаби бaъд шудани ҳолати мелиоративии заминҳо, қубурҳои обгузар, ботлоқ-шавӣ, шӯршави замин ҳамаги 515 ҳазор гектар истифода карда мешавад.<br>Тибқи маълумотҳои оморӣ то 1 январи соли 2014 дар соҳаи кишоварзӣ шумораи хоҷагиҳо ба 89,7 адад, аз он 87,5 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ, 456 хоҷагиҳои кооперативӣ, 621 | Баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии мардуми деҳоти ҷумҳурӣ бо роҳи истифодаи оқилонаву самараноки обу замин ва бо ин васила афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ватании рақобатпазири воридотивазкунанда ва содиротӣ.<br>Фароҳам овардани муҳити озод барои деҳқонон ва молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ зимни интихоби кишти зироат. Истифодабарии устувори захираҳои табиӣ, баланд бардоштани сифати хоку замин ва таъмини аҳолии мамлакат бо маҳсулоти ватанӣ.<br>Стратегия инҳоро дар бар мегирад:<br>Чорӯбаҳои ҳуқуқии мусоид барои фаъолияти хусусӣ;<br>Хусусигардонӣ ва таҷдид дар хоҷагиҳои коллективӣ бо | Тадбирҳои сиёсат ба худ шомил месозанд:<br>Пешниҳоди тавсияву маслиҳатҳо ба хоҷагидорон оид ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва чараёни хусусигардонии замин бо мақсади таъмини шаффофият ва адолат дар вогузории замин,<br>Барқарорсозии ин-фрасохтори замин, махсусан системаи ирригатсионӣ ва заҳкашу заҳбӯрҳо,<br>Таҳкими инфрасохтори молиявии деҳот ва муассисаҳои кредитӣ,<br>Таҳкими хизматрасониҳои байторӣ ва дигар хизматрасонии ёрирасон бо мақсади дастгирии шаклҳои хоҷагидории хусусии нав ба вуҷудоянда,<br>Андешидани чораҳо ҷиҳати роҳ надодан ба дахолати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҷараёни қабули қарор аз ҷониби хоҷагиҳои хусусӣ;<br>Андешидани чораҳо | <u>Лоиҳаҳои амалкунанда</u><br>«Рушди деҳот»; «Бақайдгирӣ ва системаи кадастри замин баҳри тараққиёти устувори соҳаи кишо-варзӣ» (Бонки Осиёгии Рушд); «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳ-ҳо»; «Беҳсозии сатҳи зиндагӣ дар Хатлон»<br><u>Лоиҳаҳои нав:</u><br>«Намоишгоҳи навгонии агробио-технологӣ ва усули ҳимояи биологии зироатҳои кишоварзӣ аз зараррасонҳо ва тарзи муто-биққунии зироатчигӣ аз тағйир-ёбии иқлим дар ноҳияҳои ҷануб ва марказии Тоҷикистон»; «Ком-пютеркунонӣ ва ҷорӣ намудани маълумотҳои технологӣ дар Боз-расии назорати давлатии техни-кии оид ба техникаҳои кишовар-зӣ», «Рушди чорводорӣ дар хоҷа-гии деҳқонии Равот»; «Рушди чорводорӣ дар хоҷагии деҳқонии Панҷруд»-и ш. Панҷакент; «Руш-ди қутоспарварӣ дар чарогоҳҳои Булункули шарқии Помир бо назардошти коркарди маҳсулоти гӯштию ширӣ»; «Ташкили фер-маи чорвои зотӣ бо коркарди шир ва маҳсулоти ширӣ»; «Руш-ди чорводорӣ дар хоҷагии деҳқо- |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| КИШОВАРЗӢ | хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, 119 ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолият доранд.<br>Инчунин дар соли 2013 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ ба 16757 млн. сомонӣ расид ё 3406 млн. доллари ШМА-ро ташкил медиҳад.<br>Инчунин дар давра истеҳсоли ғалла-1392,6 ҳазор, пахта-392,8 ҳазор, картошка-1115,6 ҳазор, сабзавот-1490,5 ҳазор, полезӣ-495,3 ҳазор, мева-329,3 ҳазор, ангур-175,4 ҳазор, гӯшт-173 ҳазор тонна, шир-828,2 ҳазор тонна, тухм-343,7 млн. дона, асал-3,5 ҳазор тонна истеҳсол карда шуд, ки нисбат ба соли 2012 ба ғайр аз пахта мутаносибан аз 104,8 то 117,8 фоиз афзоиш ёфтааст. | мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти хоҷагӣ;<br><br>Истеҳсолоти кишоварзӣ:<br>Ба гурӯҳи камбизоати аҳолӣ дастрас будани захираҳои асосӣ, аз ҷумла обу замин Консентрат-сияи қувва ба фаъолияти танзимкунандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди хизматрасониҳо оид ба фаъолияти тадқиқотӣ ва ахборотӣ;<br>Таъмини бехатарии умумимиллии озуқаворӣ. | ҷиҳати афзоиши маҳсулоти чорводорӣ ва захираи хӯроки чорво дар хоҷагиҳои хусусӣ;<br>Либерализатсияи (озодсозии) минбаъдаи бозор. | нии «Чинор»-и ш. Норак; «Рушди қутоспарварӣ дар Иттиҳодияи зотпарварии хоҷагии фермерии «АК-СУУ»-и ноҳияи Мурғоби ВМКБ; «Ташкили стансияи мошину технологӣ барои хоҷагии деҳқонии «Ҷамшедҷон»-и н. Шурободи в.Хатлон; «Рушди барқарорсозии инфрасохтори комплекси соҳаи занбӯри асалпарварӣ дар в.Хатлон; «Ташкили хоҷагии моҳипар-варӣ оид ба парвариши гулмоҳии рангинкамон дар ВМКБ»; «Рушди соҳаи қутоспарварӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии «Хайр»-и Ҷамоати деҳоти «Навобод»-и н. Шуғнони ВМКБ»; «Барқарорсозии фермаи мурғпарварӣ дар заминаи ҶДММ «Бунёд»-и н.Ҳисор оид ба маҳсулоти мурғпарварӣ».<br>Лоиҳаи «Механиконии хоҷагиҳои хурди фермерӣ»<br>Лоиҳаи «Ташаккули занҷири арзиши маҳсулотҳои кишоварзӣ»<br>Лоиҳаи «Диверсификатсияи соҳаи кишоварзӣ»<br>Лоиҳаи «Моҳипарварӣ» |
| | Дар ҳама шаҳрҳо, ба ғайр аз шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Норак, инчунин марказҳои ноҳияҳо, корхонаҳои тобеъи КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»<br>канализатсия, гармидиҳии | Вазифа ва стратегияҳои соҳа аз иҷро ва амалӣ сохтани тадбирҳое, ки дар Консепсияи истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омада, ки бо қарори Ҳукумати | Тадбирҳои сиёсат шомили инҳоянд:<br>барқарорсозӣ ва таҳкими инфрасохтори обтаъминкунӣ бо мақсади он, ки хизматҳои боэътимод ҷиҳати таъмини мунтазами истеъмол- | (а) сармоягузориҳо<br>Лоиҳаҳои амалкунанда<br>Лоиҳаи рушди инфрасохтори маҳаллӣ (коммуналӣ) дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Данғара, Восеъ ва Фархор)<br>Лоиҳаи Барқарорсозии системаи обтаъминкунии ш.Конибодом, |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| **ТАЪМИНОТИ ОБИ НӮШОКӢ** | марказонидашуда, ободонӣ ва кабудизоркунӣ хизматрасониҳо менамо-янд. Шабакаҳои обрасони қубурӣ ва таҷҳизоти ёрирасони амалкунандаи системаи таъминоти об дар ҳолати ногувор қарор доранд ва бинобар истифодаи тӯлонӣ ба ивазкунии пурра эҳтиёҷ доранд. Таъмини тозагии санитарии минтақаҳои аҳолинишини ҷумҳу-рӣ тибқи талаботҳои экологию санитарии муқаррар шуда ба роҳ монда шавад. Хизматрасониҳои корезӣ танҳо барои аҳолии шаҳр дастрас аст, ки қариб 28% аҳолии кишварро ташкил медиҳад. Ба таври умумӣ самаранокии истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолии таҷҳизоти тозакунӣ қариб 50%-ро ташкил медиҳад, ки дар натиҷа обҳои ҷоришаванда аз қубурҳо қисман бе тасфияи (софкунии) биологӣ ва механикӣ рост ба дарёҳо мере-занд. Дар равоиди ҷоришавӣ ин дарёю каналҳо ҳаргуна инфексияҳоро интиқол дода, ифлоскунандагони | Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2001, №551 тасдиқ шудааст ва Барномаи беҳтар намудани вазъи таъминоти оби нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006, № 514 тасдиқ шудааст иборат мебошад.<br>Вазифа ва стратегияҳои сектор татбиқу иҷрои вазифа ва тадбирҳои муайяннамудаи Консепсия оид ба истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2001, таҳти № 551 тасдиқ шудааст ба ҳисоб меравад. | кунандагон бо оби тозаи нӯшиданӣ расонида шаванд;<br>иҷрои тадбирҳо оид ба муҳофизати захираҳои об, фароҳам овардани шароит ҷиҳати кори мӯътадили молиявии корхонаҳо ва афзоиши фоиданокии онҳо;<br>таъмини шароити санитарию гигиении ҳаётан муҳими аҳолӣ, ҳифзи муҳити зист ва манбаъҳои об аз ифлосшавӣ, пешбурди тадбирҳо оид ба муҳофизати захираҳои об фароҳам овардани шароит ҷиҳати фаъолияти мӯътадили молиявии корхонаҳо ва афзоиши фоиданокии онҳо. | ш.Исфара,ш.Қайроққум, н.Б. Ғафуров, ш.Чкалов, ш. Табошар ва ш.Хоруғи ВМКБ), Данғара, Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа, Турсунзода, Шаҳринав, Ҳисор ва Рӯдакӣ, Лоиҳаи обтаъминкунии шаҳри Душанбе, марҳ. 2 (гранти иловагӣ)<br><br><u>Лоиҳаҳои нав</u>:<br>Барқарорсозии системаи обтаъминкунии марҳилаи 2-юми шаҳру ноҳияҳои Зафаробод, Панҷакент, Истаравшан ва Шаҳристон, Ҷ,Румӣ, Ёвон, Ховалинг, Шӯрообод, Балҷувон ва Темурмалик. Дар ин самт Созишномаҳои қарзӣ, дастгирии лоиҳа, ва кафолатӣ ба имзо расонида шудааст<br>Лоиҳаи беҳтар намудани таъминоти оби нӯшокии шаҳраки Ленинградии ноҳ. Мӯъминобод (Ташкилоти Оксфам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон)<br>Лоиҳаи беҳтар намудани таъминоти оби нӯшокии ноҳияи Панҷ (Агентии Ҷопон оид ба ҳамкорӣ)<br>Лоиҳаи беҳтар намудани системаи обтаъминкунии шаҳри Хуҷанд (мар.2)<br>Барқарорсозии сохтмони иншооти софкунандаи Варзоб<br>Бунёди шабакаи обтаъминкунии гуруҳи Данғара |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
| --- | --- | --- | --- | --- |
| | таркиби хок низ ба ҳисоб меравaнд. Аз рӯи маълумотҳои оморӣ дар ҷумҳурӣ сатҳи гирифторшавӣ ба бемориҳои шадиди клиникии сироятӣ баланд буда, гоҳҳо бемории домана ва дигар бемориҳои сироятӣ низ хурӯҷ мекунад. Чунин ҳолат ҳалли бетаъхири проблемаҳои мавҷударо дар системаҳои иншоотҳои тозакунию канализатсионӣ талаб менамояд. | | | Барқарорсозии системаи обтаъмин-кунии Ҷамоати деҳоти ба номи Кирови ноҳияи Вахш<br>Барқарорсозии системаи обтаъмин-кунӣ ва канализатсияи ш. Қӯрғонтеппа, Кулоб, Исфара, Истаравшан ва ноҳияи Данғара. |
| **ҶАМЪОВАРӢ ВА ИНТИҚОЛИ** | Дар ҳама шаҳрҳо ба истиснои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Роғун, Норак, Сарбанд ва марказҳои ноҳиявӣ корхонаҳои коммуналии тобеи КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар ҷамъо-варӣ ва интиқоли партовҳои сахту моеъ хизмат мерасонанд, вале солҳои охир бинобар мавҷуд набудани техникаи махсус ва механизмҳо, инчунин қобилияти пардохтнопазирии истифодабарандагони ин намуди хизматра-сонӣ ҳолати ногувори ҷамъоварӣ ва интиқоли партовҳо ба вуҷуд омадааст, ки дар навбати худ | Вазифаи соҳа такмили ҷараёни ҷамъоварӣ, интиқол ва истифодаи партовҳои сахту моеъ аз қаламрави шаҳрҳо ва марказҳои ноҳияҳо ва фароҳам овардани шароити мусоиди экологӣ. | Барқарорсозӣ ва таҳкими инфрасохтор бо мақсади расонидани хизмати боэътимод афзудани иқтидорҳои истеҳсолию техникии корхонаҳои коммуналӣ ба вуҷуд овардани шароит барои фаъолияти мӯътадили молиявии корхонаҳо ва зиёд намудани самаранокии онҳо. | <u>Лоиҳаҳои амалкунанда</u><br>Идоракунии партовҳои сахт дар шаҳри Душанбе<br>Лоиҳаи рушди инфрасохтори маҳаллӣ (коммуналӣ) дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>Идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳри Хуҷанд<br><br><u>Лоиҳаҳои нав:</u><br>Лоиҳаи идоракунии ПСМ (шаҳри Турсунзода.) Дар марҳилаи гузаронидани тадқиқоти иқтисодии лоиҳа қарор дорад<br>Лоиҳаи идоракунии ПСМ (шаҳри Қӯрғонтеппа) Дар марҳилаи гуфтушунид оид ба баррасии лоиҳаи Созишномаҳо қарор дорад. |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| ПАРТОВҲО | ба бехатарии экологӣ таҳдид наму-да, бавуҷудоӣ ва хурӯҷи бемори-ҳои сироятиро пеш меорад. | | | |
| ИРРИГАТСИЯ | Дар Тоҷикистон 90% маҳсулоти кишоварзӣ дар заминҳои обёришаванда ис-теҳсол мешавад. Кишоварзӣ соҳаи аз ҳама азими истеъ-молкунандаи об ба ҳисоб меравад, ки ба он қариб 94% захираҳои истифодашаван-даи об рост меояд. Дар соҳаи кишоварзӣ қариб 70% аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъоли ҷумҳурӣ машғуланд. Миқдо-ри умумии заминҳои кишо-варзӣ 4,7 млн. га-ро ташкил медиҳад, ки аз он 749,6 ҳаз.гектар обёришаванда ме-бошад. Маблағгузории бар-қарорсозии иншоотҳои обёрӣ 2,0 млн. сомониро ташкил медиҳад. Барои расидан ба сатҳи соли 1990 маблағи барқарорсозӣ бояд 746 млн. долл. ИМА-ро ташкил диҳад. Дар Тоҷикистон то 42% за-минҳои обёришаванда, қариб | Вазифаҳои соҳа аз он иборат мебошад, ки бояд соҳа барқарор гардад, то истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ инкишоф ёбад.<br>Зарур аст, ки тадбирҳои зерин таъмин гарданд.<br>Идораи ҷараёни қабули қарор оид ба истифодаи об ва хизматрасонии инфрасохторҳо дар маҳалҳо:<br>Афзоиши худмаблағгузории бахш:<br>Болоравии ҳосилнокии истифодаи захираҳои об ва замин.<br>Афзоиши даромаднокии хоҷагиҳои фермерӣ ва хоҷагиҳои дигар.<br>Вазифа ва стратегияҳои бахш аз иҷро ва амалӣ сохтани кору тадбирҳое иборатанд, ки дар Консепсияи истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об дар | Тадбирҳои сиёсат шомили инҳо мебошанд: барқарорсозии сис-темаҳои обёрикунӣ ва коллекторию заҳ-кашӣ, пеш аз ҳама иншоотҳои ниҳоят заиф дар минтақаи обёрии мошинӣ;<br>беҳтар намудани ҳолати мелио-ративии заминҳои обёришаванда;<br>барқарорсозӣ ва рушди системаи ба ҳисобгирии истифодаи об;<br>азхудкунии замин-ҳои нави обёришаванда;<br>тезонидани ҷараёни ташкили ассот-сиатсияҳои истеъ-молкунандагони об;<br>тадриҷан гузаштан ба усули ҳавзавии идораи захираҳои обӣ;<br>таҳияи механизми иқтисодии исти-фодаи об, ки таф-риқа пардохтҳо барои об ва расони-дани онро вобаста ба шароити мушах-хас таъмин | (а) Сармоягузориҳо:<br><br>Лоиҳаҳои амалкунанда<br><br>Идоракунии захираҳои обии водии Фарғона<br><br>Идоракунии хавфи обхезӣ дар вилояти Хатлон<br><br>Обёрии заминҳои водии Данғара (марҳилаи-2)<br><br>Лоиҳаҳои нав<br>Рушди таъминот бо оби нӯшокӣ дар деҳаҳои вилоятҳои Хатлону Суғд ва НТҶ<br><br>Аз худ намудани 24,4 ҳазор гектар заминҳои нав дар мавзеъҳои «Мирзоравот» Сомғари ноҳияи Б.Ғафуров<br><br>Азхудкунии заминҳои нав дар мавзеи Қарадум-марҳилаи якум, ноҳияи Қумсангир<br><br>Обёрӣ ва аз худнамудани заминҳо (700 га) бо зиёд |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| ИРРИГАТСИЯ | ба 301 ҳаз. га замин ба воситаи пойгоҳҳои обкашӣ хизмат расонида мешаванд. Дар ин минтақа қариб 2 млн. нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Қариб 397 пойгоҳҳои азими обкаши (бо иқтидори истеҳсолии бештар аз 10 мукааб м/сония) мавҷуд аст. Пойгоҳҳо дар солҳои 60-70-уми асри гузашта сохта шудаанд, ки дараҷаи фарсудашавиашон 70%-ро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи ислоҳоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон дар заминҳои обёришаванда бештар аз 30 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ташкил карда шудаанд. Дар ҷумҳурӣ 268 ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) фаъолият менамоянд. Иншоотҳои гидротехникӣ ниҳоят заиф гардида, ҳавзҳои калони об, ҷӯйбору новҳое, ки даҳҳо ҳазор гектар заминҳои обёришаванда аз онҳо вобастаанд, ба таваҷҷӯҳи махсус ниёз доранд. Бахш аз нарасидани воситаҳои нақлиётӣ, мошинҳои заминкан ва механизмҳо танқисӣ мекашад. Кодекси нави об (с.2000), | Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин вазифаҳои мутахассисони соҳа дар барномаҳои дигар.<br>Барномаи барқарорсозии қубурҳои баландфишор дар пойгоҳҳои обкашии Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014 (қарори) ҲҶТ аз 31 октябри соли 2009 №612),Барномаи давлатии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 дарҷ гардидааст. | менамояд;<br>таъмини механизми 100% пардохти пулӣ барои хизматрасонӣ бо пешпардохти 40%;<br>таъмини барқарасонии имтиёзноки минтақаҳои обёрии мошинӣ;<br>дар амал ҷорӣ намудани идораи талабот ба об;<br>рушди шаклҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидории обрасонии бозоргонӣ;<br>инвентаризатсия ва паспортизатсияи бахши обрасонӣ<br>ислоҳоти системаи хоҷагии об;<br>иҷрои тадбирҳо оид ба муҳофизати захираҳои об;<br>ба вуҷуд овардани шароит ҷиҳати фаъолияти мӯътадили молиявии корхонаҳо ва афзо-иши самаранокии онҳо. | намудани масоҳати боғот ва маҳсулоти кишоварзӣ, меваю ангур дар ноҳияи Данғара<br><br>Сохтмони комплекси пойгоҳи обкашӣ барои таъминоти иловагии БФК дар шаҳри Конибодом<br><br>Обёрии ирригатсионии заминҳои шаҳри Кӯлоб аз дарёи Панҷ<br><br>Таъминоти иловагии оби наҳри СФК дар пойгоҳи обкашии «Чумчуқ-Ҷар» - и ноҳияи Ашт<br><br>Барқарорсозии системаҳои обтаъминкунии ирригатсионии шаҳри Гарауги дар ноҳияи Ҷиликул. |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| ИРРИГАТСИЯ | тағйироту иловаҳо ба Кодекси нави об (с 2008), Барномаи миёнамӯҳ-лати аз бӯҳрон баровардани комплекси агро-саноатӣ, Бо мақсади ҷалб намудани сармоягузориҳои хориҷӣ бо Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушди Бонки Умумиҷа-ҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд, Бонки Исломии Рушд, ЮСАИД, Фонди Қувайт ва дигар ташкилотҳои байналми-лалӣ ҳамкорӣ вуҷуд дорад. Маблағи умумии созишнома-ҳои бо институтҳои байнал-милалии молиявӣ басташуда барои ин бахш ҷиҳати татбиқи корҳо дар солҳои 2003 96,41 млн. долл. ИМА-ро ташкил медиҳад. | | | |
| САНОАТИ | Барномаи коркарди пурраи ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015. | Коркарди ашёи хоми чорвои хурду калон то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ (пойафзол, маҳсулоти дӯзандагии чармӣ).<br>Коркарди пашм то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, роҳ надодан ба талафёбии пашм. | Муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулотҳои чармӣ, пойафзол.<br>Баланд гардидани сатҳи шуғли аҳолӣ, самаранок истифода бурдани ашёи хоми маҳаллӣ. | Амалигардонии соҳибкории давлатӣ тавассути амалигардонии лоиҳаҳои таъсиси корхонаҳои пойаф-золбарории давлатӣ.<br>Таъсиси корхонаҳои хурди коркарди пашм. |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| САБУК | «Барномаи коркарди пурраи нахи пахтаи дар ҶТ истеҳсолшаванда барои давраи то соли 2015». «Барномаи истеҳсоли маҳсулоти бачагона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015». | Коркарди пурраи нахи пахта то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ. То соли 2015 зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии молҳои бачагона ва то ба талаботи меъёри бозори дохилӣ расонидани он. | Зиёд намудани соди-роти маҳсулоти тайёр (матоъҳо, либос), муҳайё намудани ҷойҳои навӣ корӣ. Зиёд намудани ҳаҷм, намуд ва номгӯи истеҳсоли маҳсулоти бачагона бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ ва матоъҳои воридотӣ. | Таъсиси корхонаҳои коркарди нахи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ дар дохили кишвар ва ҳамчунин дар МОИ. Иштироки давлат дар истеҳсоли либосҳои бачагона тавассути амалигардонии лоиҳаҳои таъсиси корхонаҳои дӯзандагии давлатӣ. |
| НАҚЛИЁТ | Маҷмааи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, ҳавоӣ ва хоҷаги роҳҳои автомобилгард иборат мебошад. Вобаста ба шароити хоси табиӣ-иқлимии ҷумҳурӣ, ки 93 фоизи масоҳати онро кӯҳҳо ишғол мекунанд, нақлиёти автомобилӣ нисбат ба дигар воситаҳои нақлиёт дорои бартарияти муҳими стратегӣ хусусан, дар самти таъмини интиқоли мунтазами дохилӣ ва фарогирии ҳамаи минтақаҳои мамлакат мебошад. Аз ин лиҳоз, ба рушди шабакаи роҳҳои автомобилгард ва иншоотҳои он, ки робитаи доимии байни марказ ва минтақаҳои | Таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи дар соҳаи нақлиёт ва хоҷагии роҳҳо, ки барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба интиқол ва хизматрасониҳои нақлиётӣ равона гардидаанд. Идоракунӣ, ҳамоҳангсозӣ, назорати давлатӣ ва батанзимдарории фаъолияти нақлиёт. Фароҳам овардани шароит барои бехатарии фаъолияти нақлиёт. Таҳияи нақшаи рушди соҳаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи онҳо дар асоси барномаҳои мақсадноки давлатии миллӣ, | Пешбурди сиёсати давлатӣ ва танзими меъёри ҳуқуқӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ, нақлиёти роҳи оҳан, автомобилӣ ва хоҷагии роҳҳо Таҳияи ва пешниҳоди лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии дигар, ки тартиби фаъолияти комплекси нақлиётиро муайян мекунанд ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br><br>Назорати иҷрои санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи дар доираи салоҳияти худ ва таҳлили таҷрибаи татбиқи онҳо дар | <u>Лоиҳаҳои амалкунанда</u> Сохтмони нақби Истиқлол (корҳои боқимонда); Таҷдиди р/а Душанбе-Данғара марҳилаҳои 1, 2 ва 3 (қитъаи Данғара-Кангурт); Сохтмони р/а Кулоб-Қалъаи-хумб, қитъаи Шурообод-Шоҳон; Сохтмони р/а Кулоб-Қалъаи-хумб, қитъаи Шоҳон-Зиғар марҳилаи 3; Таҷдиди р/а Душанбе-Турсунзода-сарҳади Узбекистон (ҲИМОМ, Коридори 3) Таҷдиди р/а Душанбе-Турсунзода-сарҳади Ҷумҳурии Узбекистон; Қитъаи ҳайкали А.Сино то дарвозаи ғарбии ш.Душанбе (ҲИМОМ, Коридори 3); Сохтмони терминали нав дар фурудгоҳи байналмилалии Душанбе; Таҷдиди р/а Айнӣ-Панҷакент-сарҳади Узбекистон |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| Н А Қ Л И Ё Т | ҷумҳуриро таъмин мекунанд, аҳамияти махсус дода мешавад. Дарозии умумии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умумӣ дар мувозинаи вазорат буда, ҳамагӣ 14074 км-ро ташкил медиҳанд. Бо мурури замон бисёре аз онҳо сифати техникии худро гум кардаанд. Аз ин лиҳоз соҳаи нақлиёт бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи стратегӣ эълон карда шуда, барои сохтмон, таъмир ва барқарорсозии роҳҳо маблағҳои зиёде ҷудо гардида истодаанд, ки фоизи зиёди онҳоро маблағҳои инвеститсионӣ ташкил медиҳанд.<br>Бо рушди нақлиёти автомобилӣ, шабакоти роҳи оҳан низ чун муҳимтарин интиқолдиҳанда дар самти ҳамлу нақли байналмилалӣ ҳамчун омили муҳими сохтори нақлиётии кишвар муайян гардидааст. Дар ин самт, ба сохтмони хатҳои нави роҳҳои оҳан, ки марказро бо минтақаҳои | байнидавлатию соҳавӣ.<br>Банақшагирӣ ва мониторинги барномаҳое, ки ба истифодаи рақобатнок ва самаранокии кори системаи нақлиётӣ мусоидат менамояд.<br>Таҳияи пешниҳодҳо оид ба ташаккул ва такмили заминаҳои табиӣ мутобиқии фаъолияти соҳаи нақлиёт.<br>Татбиқи сиёсати сармоягузорӣ, тарифӣ ва фаъолияти илмию техникии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи нақлиёт ва ғ.<br>Баровардани ҷумҳурӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, тариқи сохтмон, таҷдид ва барқарорсозии роҳҳои автомобилгард, нақбҳо ва пулҳо.<br>Зиёд намудани ҳаҷми роҳҳои сифатан қаноатбахш.<br>Тақвият бахшидан ба боркашониҳои байналмилалии нақлиётӣ.<br>Иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии миллӣ ва консепсияҳои рушди комплекси нақлиётӣ, | комплекси нақлиётӣ<br><br>Иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳои вӣдавлатии миллӣ ва консепсияи рушди комплекси нақлиётӣ дар ташаккул ва татбиқи барномаҳои байнидавлатӣ ва байнисоҳавӣ<br><br>Дар доираи салоҳияти худ ташкил ва ҳамоҳангсозии иҷрои ӯҳдадориҳои шартномаҳои байналмилалӣ ва созишномаҳои байниҳукуматии марбут ба масъалаҳои фаъолияти комплекси нақлиётӣ ва бо тартиби муқарраргардида муаррифӣ намудани манн-фиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилот-ҳои байналмилалӣ. | (ҲИМОМ, Коридор 6); Таҳияи АТИ (ТЭО) ва лоиҳакашии пешакии лоиҳаи сохтмони р/а Лаби Ҷар-Тавилдара-Қалъаи-хумб; Таҳияи имконсанҷии иқтисодии сохтмони р/о стандартӣ (1435 мм) дар дохили Тоҷикистон; Сохтмони пул аз болои дарёи Сорбоғ ва беҳтар намудани ҳолати 18 км роҳ дар минтақаи Рашт; Азнавкунонии таҷҳизотҳои нигоҳдории роҳҳо дар вилояти Хатлон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва омӯзиши мутахассисон; Таҷдиди р/а Восеъ-Ховалинг ва асфалтхобо-нии қабати дуюми қитъаи р/а Сайрон-Қарамиқ дар доираи лоиҳаи Рушди коридорҳои 3 ва 5-и ҲИМОМ; Таъмири роҳҳои ба нақби Озодӣ баранда; Таҳияи АТИ (ТЭО) таъмири роҳҳои дохилишаҳрии Кулоб ва Қурғон-теппа;<br><br><u>Лоиҳаҳои нав:</u><br>Таҷдиди р/а Хоруғ-Мурғоб-ағбаи Кулма, Бекобод-Хуҷанд-Конибодом-Исфара-сарҳади Қирғизистон, Гулистон-Фархор-Панҷ-Дустӣ, Қизилқалъа-Айваҷ-сар.Афғонистон; Азнавсозӣ ва |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| НАҚЛИЁТ | муҳими стратегии ҷумҳурӣ ва шабакоти роҳҳои оҳани мамлакатҳои ҳамсоя мепайванданд, аҳамияти махсус дода шуда, дар марҳилаҳои минбаъда ба шоҳроҳи асосии гузариши транзитӣ интиқоли байналмилалӣ табдилдиҳии он чун пояи асосии равобити байналмилалии нақлиётӣ маънидод гардидааст.<br>Солҳои гузашта бо фарорасии фасли тирамоҳу зимистон ағбаҳои асосӣ, ки онҳо маркази ҷумҳуриро бо шимол мепайванданд ва бисёре аз маҷмуи умумии боркашониҳо ба ин восита амалӣ мешуданд баста мешуд. Бо кушодашавии нақбҳои «Истиқлол», «Озодӣ», таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-Чанак бо сохтмони нақби «Шаҳристон» ва таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-Данғара бо сохтмони нақби Хатлон ҳамаи ин камбудиҳо бартараф карда шуда, рушди соҳаи нақлиёт суръати нав гирифт.Зикр бояд | ташаккул ва татбиқи барномаҳои байнидавлатӣ ва байнисоҳавӣ. | | таҷдиди р/а Айни-Кӯҳистони Масчоҳ; Пайвасткунии р/а Тоҷикистон-Покистон тавассути Афғонистон; Азнавсозии р/а Душанбе-Рӯдакӣ-Ёвон-А.Ҷомӣ-Сарбанд ва сохтмони пули нав аз болои дарёи Вахш; Таҷдиди р/а Хоруғ-Рошткалъа-Туқузбулоқ; Сохтмони р/а Ховалинг-Шугнов-Тавилдара, Сохт-мони р/а Кулоб-Қалъаи-хумб, қитъаи Шкев-Қалъаихумб; Таҷ-дид ва барқарорсозии р/а Қалъ-аихумб-Хоруғ; Таҷдиди р/а Хоруғ-Мурғоб-ағбаи Кулма дар минтақаи Ишкошим ва қишлоқи Лангар; Таҷдид ва барқарор-созии р/а Рушон-Басид-Савноб, Колхозобод-Қабодиён-Шаҳри-туз-Айваҷ-Мазори Шариф; Беҳ-тар намудани ҳолати р/а Хуҷанд-Ош; Сохтмони р/а Мӯъминобод-Чилдухтарон, гирдогирди ш.Ду-шанбе (вариан-ти Ҷанубӣ); Таҷ-диди р/а Душан-бе-Ҳисор тариқи шаҳраки Айнӣ; Таҷдиди роҳҳои шаҳраки Ҳисор; Таҷдид ва барқарорсозии р/а Қурбон-шаҳид-Темурмалик, Кангурт-Те-мурмалик, Балҷувон-Ховалинг, Балҷувон-Кангурт; Барқарорсо-зии р/а Душанбе-Қӯрғонтеппа, |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| НАҚЛИЁТ | намуд, ки айни замон сохтмон ва барқарорсозии роҳҳо, купрукҳо ва нақбҳо қариб, ки дар ҳама самтҳои ҷумҳурӣ амалӣ шуда истодаанд, ки бо амалӣ гаштани онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвари транзитӣ табдил ёфта, ҳамкориҳои иқтисодӣ бо давлатҳои хориҷи дуру наздик суръати нав мегиранд. Барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва рақобатпазирии муассисаҳои нақлиёти соҳаи ҳавопаймоии ҷумҳурӣ дар арсаи байнал-милалӣ, гузаронидани ислоҳоти сохторӣ ва таҷдиду таҳкимбахшии арсаи техникию бунёди иншоотҳои фурудгоҳӣ ва терминалҳои замонавии ин соҳа, инчунин таъмини хизматрасонии мустақили аэронавигатсионии мамлакат чун равандҳои муҳим муайян карда шудаанд.Айни ҳол дар кишвар 4 ширкати ҳавопаймоии миллӣ фаъолият намуда истодаанд. Ҳамзамон, сол аз сол ҷуғрофияи | | | Қӯрғонтеппа-Данғара-Кӯлоб; Сохтмони пул дар маркази ноҳияи Ишкошим аз болои дарёи Панҷ дар р/а Хоруғ-Кулма тавассути Ишкошим; Сохтмони р/а дар водии Яғноб; Сохтмони роҳи канорагузари шаҳраки Ғарми ноҳияи Рашт; Сохтмони пули нав бар ивази пули мавҷудбуда дар километри 20-уми р/а Душанбе-ағбаи Кулма дар ш.Ваҳдат; Сохтмони барраж пас аз пули роҳи оҳан аз болои дарёи Кофарниҳон дар ш.Ваҳдат; Барқарорсозии пулҳои шаҳри Кӯлоб, дар р/а Кӯлоб-Қалъаи-хумб-Хоруғ;<br><br>Сохтмони пул аз болои дарёи Сурхак дар км 10-уми р/а Муъминобод-Ғеш-Чилдухтарон, аз болои дарёи Ванҷ дар 456-ум километри р/а Душанбе-ағбаи Кулма, аз болои дарёи Муксу дар кишлоки Мингбулоки н.Ҷиргатол, аз болои дарёи Ғунд бо роҳҳои даромад дар шаҳри Хоруғ; Сохтмони хати нави р/о Колхоз-обод-Панҷи Поён; Сохтмони р/о Ваҳдат-Қарамик; Сохтмони хати р/о пайвасткунандаи ҶТ бо ҶИА ва |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| | парвозҳои ширкатҳои ҳавопаймоии миллӣ зиёд шуда истодааст. | | | Туркманистон; Сохтмони Фурудгоҳи байналмилалии ш. Қурғонтеппа; Сохтмони фурудгоҳи н.Данғара; Сохтмони манораи назоратӣ-диспетчерӣ дар фурудгоҳи байналмилалии ш.Душанбе; Харидории техникаҳои махсуси нигоҳдории роҳ ва пулу нақбҳо; Азнавкунонии таҷҳизотҳои нигоҳдории роҳҳо дар в.Суғд, минтақаи Кулоби в.Хатлон ва омӯзиши мутахассисон. |
| **МАОРИФ ВА ИЛМ** | Соҳаи маориф ҳамчун соҳаи афзалиятноки рушди иҷтимоии кишвар ба ҳисоб рафта, аз дастгирии доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бархӯрдор мебошад.<br>Ҳоло 3813 мактаби таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла, 549 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, 6 ғоибона, 3807 мактаби таҳсилоти умумии рӯзона, аз он ҷумла, 609 мактаби ибтидоӣ, 702 мактаби таҳсилоти асосӣ, 2496 мактаби таҳсилоти миёна, 89 гимназия, 59 литсей, 41 мактаб–интернат ва 43 | Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф вазифадор карда шудааст, ки то соли 2015 ҳамаи кӯдакон ба таҳсилоти сифатноки ҳатмии асосӣ фаро гирифта шаванд. Баробарии гендерӣ дар ҳамаи соҳаҳои маориф таъмин мегардад<br>Тибқи Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2015 дар соҳа вазифаҳои зерин гузошта шуд.<br>-Бехтаркунии ҳолатҳои физикии инфраструктураи соҳаи маориф.<br>-Таъмини сифатнокии | Дар доираи гузаро-нидани исло-ҳот ва таҷдиди системаи таҳсилоти умумӣ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ як қатор санад-ҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуда-аст: Аз он ҷумла:<br>1. Қонуни ҶТ «Дар барои маориф» (2013)<br>2. Стратегияи мил-лии рушди ҶТ барои давраи то соли 2015 3. Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхона, биноҳои маъмурию ҷойҳои | (а)Сармоягузориҳо<br>Л<u>оиҳаҳои амалкунанда</u><br>1.Ба анҷом расондани сохтмони панҷ мактаби миёна ва дастрас намудани таҷҳизот марҳилаи 2. (Фонди Саудии Рушд);<br>2.Барномаи мусоидати рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва инфраструктураи ҷамоавӣ (марҳилаи 2) (Бонки Олмонии рушд);<br>3.Ташаббуси рушди босуръат - таҳсилот барои ҳама (Бонки умумиҷаҳонӣ)<br>4.Таҷдид ва идомаи сохтмони мактабҳои миёна; (марҳилаи 3) |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| МАОРИФ ВА ИЛМ | филиал, 14 мактаби хусусӣ 488 муассисаҳои томактабӣ ва 10 мактабкӯдакистон фаъолият доранд.<br>То 1 майи соли 2014 дар ҷумҳурӣ 194 мактаб дар ҳолати садамавӣ, 122 мактаб ба таъмири асосӣ ниёз дошта, 1 адад мактаб дар вагонхонаҳо ва 8 адад мактаб дар хонаҳои шахсӣ ҷойгир мебошанд. Дар мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 50 ҳазор ҷуфт мизу курсӣ барои талабагонӣ синфҳои 1-11, 6508 дона тахтаи синфи барои синфҳои 1-11 ва 12000 дона мизу курсӣ барои омӯзгорон намерасад.<br>Нашри китобҳои дарсӣ: Муссисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ба 384 номгӯи китобҳои дарсӣ бо теъдоди 5 млн. нусха ниёз доранд. Аз он ҷумла, барои мактабҳои таълимашон бо забони тоҷикӣ-154 номгӯй бо теъдоди 16328 нусха, барои мактабҳои таълима-шон бо забони ӯзбекӣ 140 номгӯй бо теъдоди 1089189 нусха, барои мактабҳои таълимашон бо | таҳсилот дар ҳама сатҳ мувофиқи Барномаи байналмилалии «Маълумот барои ҳама» ва Барномаи тараққиёти ҳазорсола<br>-Беҳтар кардани идоракунии системаи маориф бо роҳи ривоҷдиҳии ғайри-марказонидашуда.<br>- сохтмон, барқарорсозии муассисаҳои таълимӣ, таҷҳизот, тайёрӣ ва баланд бардоштани тахассуси омӯзгорон, мустаҳкам намудани сармояи инсонӣ дар соҳаи маориф ва системаи идоракунии информатсионии соҳаи маориф, китобҳои таълимӣ ва баҳодиҳии дониши хонандагон. | ҷамъиятӣ ҷойгиранд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.08.с. 2008, №436 )<br>4. Консепсияи миллии рушди соҳаи маорифи ҶТ барои солҳои 2006-2015<br>5. Стандарти давлатии таҳсилоти то-мактабӣ дар ҶТ (қарори ҲҶТ аз 02.07.с.2009, №388)<br>6. Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар ҶТ барои солҳои 2012-2016 (қарори ҲҶТ аз 04.10. с. 2011, №457)<br>7.Барномаи давла-тии рушди маорифи ҶТ барои солҳои 2010-2012 (қарори ҲҶТ аз 29.04.с.2009, №254)<br>8.Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».(аз 02.08.с.2011, №762.)<br>9. Барномаи давла-тии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва | Лоиҳаҳои нав:<br>1.Компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>3. Сохтмон, таъмир ва барқарорсозии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар ҷумҳурӣ;<br>4. Дастрас намудани таҷҳизот барои муассисаҳои томактабӣ;<br>5. Сохтмон, таъмир ва барқарорсозии муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ;<br>6. Бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон ва таҳким бахшидан ба малакаҳои касбии омӯзгорон;<br>7. Сохтмони хонаҳои истиқоматӣ барои омӯзгорони ноҳияҳои дурдаст;<br>8. Сохтмон, таъмир ва барқарорсозии иншоотҳои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;<br>9. Дастрас намудани таҷҳизот барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;<br>10. Таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ ва маводҳои таълимӣ барои мактабҳои миёна;<br>11. Сохтмони иншоотҳои |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| **М А О Р И Ф ВА И Л М** | забони қирғизӣ 80 номгӯй бо теъдоди 16721 нусха лозим аст. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бояд ҳамасола на камтар аз 20% (19200 нафар) кормандони соҳаи маориф ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта шаванд.<br>Дар мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ наздики 96000 омӯзгорон фаъолият менамоянд. Аз ин шумора 3767 нафар сарварони мактабҳо мебошанд.<br>Нишондиҳандаҳои имрӯза ҳамагӣ 10-12% (11500 нафар)-ро дар бар мегирад. Аз шумораи умумии кормандон дар маҷмӯъ 8000 нафар омӯзгор ва 300 нафар сарварони мактаб ҳамасола бо сабаби нарасидани маблағгузорӣ ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта намешаванд. | | миёнаи касбии ҶТ барои солҳои 2012-2020 (аз 30.04.с. 2012, №200). | нотамоми соҳаи маориф;<br>(б) Кӯмаки техникӣ<br>- ислоҳоти системаи тайёркунии омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ;<br>-беҳтар намудани ҳолати санитарию гигиенӣ дар соҳаи таҳсилоти умумӣ;<br>-таҳия ва ҷорӣ намудани системаи мониторинги сифати таълим дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ;<br>- татбиқи нақшаҳо бо мақсади ташкили таоми мактабӣ;<br>-мустаҳкам гардонидани таъсири илм ва технология дар пешрафти иҷтимоию иқтисодии давлат;<br>- такмил додани тайёрии ибтидоӣ ва касбӣ. |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ | Ноустувории ичтимоию иқтисодӣ ба соҳаи тандурустӣ таъсири манфӣ расонид. Дар баробари ин, пастравии истеҳсолот, сатҳи пасти заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, норасогии кадрҳо, мушкилоти молиявӣ ва масъалаҳои дигар системаи камсамараи хизматрасонии тиббиро боз ҳам хароб тар кард. Соҳаи тандурустӣ асосан аз ҷониби давлат маблағгузорӣ карда мешавад, инчунин дар доираи барнома-ҳои миллӣ, соҳавӣ ва муштарак аз ҷониби як қатор ташкилотҳои байналмиллалӣ дастгирӣ меёбад. Системаи маблағгузории тандурустӣ нобаробар буда, ба талаботи аҳолӣ ва соҳа ҷавобгӯ нест. Пастравии мақоми тандурустӣ дар байни аҳолӣ ва бадшавии сифати хизматрасонии тиббӣ сабабҳои гузаронидани ислоҳоти соҳаи тандурустӣ мебошанд. Айни ҳол, дар ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ 3700 табиб ва 5020 ҳамшираи оилавӣ тайёр карда шуда, 133 табиб ва 189 ҳамшираи тиббӣ | Вазифаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки ҷараёни ислоҳоти соҳаи тандурустиро дар доираи татбиқи Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013 - 2015 дастгирӣ намояд<br>Системаи расонидани кӯмаки аввалияи тиббию-санитариро, ки ба принсипҳои тибби оилавӣ асос ёфтааст ва ба вусъату дастгирии сармоягузорӣ ниёз дорад, тағйир диҳад<br>Ҳамчунин, дар ҳамоҳангсозии афзалиятҳои ислоҳоти соҳаи мазкур дар солҳои наздик зарурат пеш омадааст ва дар ин маврид бояд ба рушди барномаҳо дар соҳаи тандурустии ҷамъиятӣ, дастрасии аҳолӣ (махсусан табақаҳои камбизоат) ба хизматрасониҳои босифати тиббӣ диққат дода шавад<br>Стратегия инҳоро фаро мегирад:<br>- тағйироти сохтори системаи | Тадбирҳои сиёсат инҳоро фаро мегирад:<br><br>ноил шудан ба мақсадҳои ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола оид ба паст кардани сатҳи фавти модарон ва фавти кӯдакон ба 2/3 ҳисса, пешгирии паҳншавии ВНМО/БПНМ ва оғози тамоюли кам кардани беморшавии сил; боздоштани паҳншавии вараҷа ва дигар бемориҳои сироятӣ, оғози тамоюл дар коҳиши ин бемориҳо то соли 2015, ки аз Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар Тоҷикистон бармеояд<br><br>- аз нав дида баромадани мақом ва вазифаҳои муассисаҳои КАТС;<br><br>рушди заминаи клиники омодасозии табибони оилавӣ ва ҳамшираҳои тибби оилавӣ<br><br>- аз нав ташкил кардан ва | (а) Сармоягузориҳо<br><br><u>Лоиҳаҳои амалкунанда</u><br>1. Лоиҳаи «Рушди хизматрасонии тиббӣ (TF010618)» (Бонки умумиҷаҳонӣ);<br>2. Ислоҳоти соҳаи тандурустӣ ва дастгирии тибби оилавӣ;<br>3. Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии Беморхонаи бисёрсоҳавии байниноҳиявии вилояти Хатлон (Бонки исломии рушд);<br>4. Барномаи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: марҳилаи 4 (Бонки олмонии рушд);<br>5. Рушди хадамоти ҳифзи саломатии модару кӯдак дар деҳот будаи вилояти Хатлон: марҳилаи 1 (Бонки олмонии рушд);<br>6. Таҷдид ва муҷаҳҳазгардонии Таваллудхонаи вилоятӣ ва шаҳрии вилояти Суғд (Хазинаи саудии рушд);<br>7. Рушди системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, марҳилаи 3 (Комиссияи Аврупо)<br>8.<br><u>Лоиҳаҳои нав:</u><br>1. Рушди хадамоти психиатрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>2. Рушди хадамоти наркологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>3. Рушди хадамоти тиббию судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ | таҳсилро дар даври бозомӯзӣ оид ба тибби оилавӣ идома дода истодаанд. Амбулаторияҳо, шӯъбаҳои оилавӣ ва гурӯҳҳои духтурони тибби оилавӣ ташкил карда шудаанд. Бо мақсади рушди заминаи меъёрии ҳуқуқии тибби оилавӣ дар доираи Лоиҳаи ислоҳоти системаи тандурустии Тоҷикистон лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои воҳиди корӣ, ҷадвали таҷҳизот, тавсифи ихтисосӣ ва модели тибби оилавӣ барои муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ таҳия гардиданд. Дар раванди ислоҳоти хадамоти бистарикунонӣ, сиёсати доруворӣ, идораи захираҳои кадрӣ ва умуман соҳа дигаргунсозиҳои назаррас сурат мегиранд. Бад шудани вазъияти эпидемиологӣ вобаста ба бемориҳои сироятӣ ба қадри кофӣ таъмин набудани аҳолӣ бо оби ошомидани алоқаманд аст. Дар айни замон бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилот-ҳои байналмилалӣ | расонидани кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ;<br>- беҳтар намудани сифат ва самаранокии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ тавассути ҷорӣ кардани хизматрасонии тибби оилавӣ, такмили барномаҳои дорусозӣ ва огоҳсозии аҳолӣ;<br>-беҳтар кардани сифати хизматрасонии тиббӣ дар миқёси ҷамоатҳо, рушди ташаббусҳо дар таъмини амнияти модар ва кӯмаки перинаталии самаранок, ҳамгироии барномаҳои солимии модару кӯдак дар барномаҳои тибби оилавӣ ва тандурустии ҷамоавӣ;<br>- таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияи ислоҳот ва рушди институтсионалии тандурустии ҷамъиятӣ;<br>-рушди хадамоти тандурустии ҷамоавӣ ва ҷамъиятӣ (КАТС, хадамоти санитарию эпидемиологӣ, марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим ва иттилооти тиббӣ) ташкилотҳои ҳукуматию ғайриҳукуматӣ, инчунин, ҷомеаи маҳаллӣ | модернизатсияи хизматрасониҳои тиббӣ барои тақсими баробари захираҳо ва беҳбуди дастрасӣ ба хизматрасониҳо барои табақаҳои камбизоати аҳолӣ;<br><br>таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ, ёрии таъҷилӣ дар заминаи марказҳои солимии деҳот, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ;<br><br>ҳамгироии барномаҳои махсуси амудӣ дар системаи таъмини ёрии тиббӣ, ҳамгироии се ихтисоси асосии тиббӣ (терапия, педиатрия, акушерию гинекологӣ) дар як воҳиди муташаккили кӯмаки аввалияи тиббӣ;<br><br>таҳияи системаи мониторинг ва баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои КАТС;<br><br>гузаронидани доираи васеи | 4. Сохтмон ва таҷҳизонидани Клиникаи донишгоҳии ДДТТ ба номи Аӯалӣ ибни Сино;<br>5. Барномаи мубориза бар зидди бемории сил дар вилояти Хатлон (Бонки Олмонии Рушд);<br>6. Лоиҳа оид ба маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар асоси натиҷа;<br>7. Рушди хадамоти ҳифзи модару кӯдак дар деҳот будаи вилояти Хатлон: марҳилаи 2 (Бонки олмонии рушд);<br>8. Ба итмом расонидани сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ;<br>9. Рушди хадамоти осебшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>10. Расонидани хизматрасонии махсусгардонидашуда ба беморон бо нуқсонҳои ҷоғи боло ва рӯй;<br>11. Мукаммалсозӣ ва рушди хадамоти миллии лаборатории Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>12. Рушди маҷмӯи хизматрасониҳои тиббии махсусгардонидашуда дар мавзеи сар ва гардан (ҷарроҳии асаб, бемориҳои асаб, чашм, гӯш, гулӯ ва бинӣ);<br>13. Рушди хадамоти трансплантология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>14. Беҳтар намудани заминаи моддию техникии беморхонаҳои |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ | ва созмонҳои молиявӣ як қатор лоиҳаҳо ва барномаҳо оид ба беҳтар намудани сифати оби ошомиданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 тасдиқ гардида, то имрӯз аз рӯи дурнамои ДОТС аҳолии ҷумҳурӣ ва аз он ҷумла, муассисаҳои ислоҳии Вазора-ти адлияи Ҷумҳурии Тоҷи-кистон фаро гирифта шудаанд, ки бо тамоми маводи доруворӣ ва ташхисотӣ таъмин карда мешаванд. Дараҷаи фавти кӯдакони то синни яксола ва то 5 сола ташвишовар аст. Аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои миллӣ ва соҳавии паст кардани сатҳи фавти навзо-дон, кӯдакон ва модарон қабул шудааст, аз он ҷумла: стратегияи ТУТ/ЮНИСЕФ- ҳамбастагии | бо иштироки аҳолӣ дар сатҳи фардӣ, оилавӣ, ҷамоатҳо, ташкили Шӯрои байнисоҳавии ҳамоҳангсозӣ бо мақсади татбиқу мониторинги барномаҳои тандурустии ҷамоавӣ ва ҷамъиятӣ;<br>- ислоҳоти системаи маблағгузории соҳаи тандурустӣ;<br>- таҳия ва татбиқи Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯмаки тиббию санитарӣ барои минтақаҳои таҷрибавии кишвар. | чорабиниҳо оиди татбиқи сиёсати маблағгузории соҳаи тандурустӣ (Барномаи заминавии кӯмаки тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон)<br><br>Тартиб додани барномаҳои алоқаи коммуникатсионии муассисаҳои КАТС таҳия ва татбиқи механизм, ки ба дастгирии хадамоти КАТС аз тарафи муассисаҳои госпиталӣ тааллуқ дорад. | марказии шаҳрӣ ва ноҳиявии вилояти Хатлон;<br>15. Мусоидат дар назорати бемориҳои майнаи сар ва инсулт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>16. Рушди системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ дар ҶТ, (Комиссияи Аврупо);<br>17. Таъмир ва муҷаҳҳазгардонии Беморхонаи клиникии вилояти Хатлон ба номи Бурӣ Воҳидов;<br>18. Рушди хадамоти оид ба ҳифзи модару кӯдак дар деҳот будаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;<br>19. Рушди хадамоти оид ба ҳифзи модару кӯдак дар деҳот будаи вилояти Суғд;<br>20. Ташкили хадамоти эвакуатсияи фаврии тиббӣ;<br>21. Рушди ёрии таъҷилии тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>22. Таъмир ва муҷаҳҳазонидани Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу раг ва қафаси сина;<br>23. Барқарорсозӣ ва рушди ёрии урологӣ ба аҳолӣ;<br>24. Рушди кӯмаки акушерию гинекологии статсионарии шаҳ-ри Душанбе (таъмир ва муҷаҳҳазонидани таваллуд-хонаҳои №2 ва №3);<br>25. Таъсис додани Маркази миллии бемориҳои чашм;<br>26. Таъсис додани Маркази миллии перинатологӣ; |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ | бемориҳои кӯда-кона (ҲБК), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ғизодиҳии табиии кӯдакон» (аз 22 декабри соли 2006, №221) ва Нақшаи миллии чорабиниҳо оид ба ҳифзи саломатии модарон дар давраи то соли 2014. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ (аз 2 декабри соли 2002, №72) Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи иммунопрофилактикаи бемориҳои сироятӣ» (аз 29.12.с.2010, №680) Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди саломатии кӯдакон ва наврасон дар давраи то соли 2015; Барномаи миллии иммунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011- 2015, Барномаи миллии пешгирӣ, ташхис ва табобати беморони гирифтори нуқсонҳои модарзодӣ ва тарбодии дил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015. | | | 27. Таҷдиди Маркази вилоятии саратоншиносии Раёсати тандурустии вилояти Суғд;<br>28. Сохтмон ва муҷаҳҳазонидани бунгоҳҳои саломатии минтақаҳои дурдасти шаҳри Норак;<br>29. Таъмир ва таҷҳизонидани Беморхонаи вилоятии клиникии шаҳри Хуҷанд;<br>30. Васеъ намудани истифодаи ҳуҷайраҳои бунёдӣ дар амалияи соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>31. Бунёди корхонаи коркарди гиёҳҳои шифобахш дар ноҳияи Мӯъминобод;<br><br>(б)Грантҳои хурд:<br><br>Назорати давлатӣ ва стандартикунонии доруҳо;<br><br>1. Таъмини бехатарии хун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br><br>(в) Кӯмаки техникӣ<br><br>1. Таҳияи лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии Маркази миллӣ оид ба назорати бемориҳои сироятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Омода намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои татбиқи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| МЕҲНАТ МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ | Сиёсати нафақа, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа. Таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба рушд ва такмили системаи суғуртаи давлатии иҷтимоии ҳатмӣ ва ихтиёрӣ, аз ҷумла, оид ба таъсиси системаҳои ғайридавлатии таьминоти нафақа. Ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини нафақа, кор оид ба таъин, бозҳисобӣ, пардохт, расонидани нафақа ва кӯмакпулиҳои давлатии иҷтимоӣ бинобар маъюбӣ, аз даст додани саробон, пиронсолӣ ва тартиби амалисозии бозрасӣ ва назорат вобаста ба таъиноти саривақтӣ ва дурусти пардохти нафақа. Маблағгузории хароҷоти пардохти нафақа, кӯмакпулиҳо ва ҷуброни хароҷоти ташкилоту муассисаҳо вобаста ба пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳо. Такмили таъмини нафақа вобаста ба шароити махсуси меҳнат, ташкили назорати дурустии татбиқи номгӯи корҳое | Барои рушди системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ амалӣ намудани тадбирҳои зерин зарур мебошад: Ба ҳар як шаҳрванд хароҷоти иҷтимоӣ аз рӯи маблағҳои воқеии аз ҷониби он пардохтнамудаи андози иҷтимоӣ муайян карда шаванд;<br>такмил додани системаи баҳисобгирии инфиродишудаи пардохтҳо барои таъминоти нафақаи соҳибкороне, ки ба сифати шахси воқеӣ ба қайд гирифта мешаванд; - азнавтақсимкунии ҳаҷми пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ байни корманд ва корфармо, ҳавасмандгардонии кормандон ба меҳнати расмӣ дар шароити таъмини алоқамандии ҳуқуқи дастрасӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ бо натиҷаҳои меҳнат;<br>- ҷудо намудани маблағ ба системаи суғуртаи иҷтимоӣ нисбати он табақаи истифодабарандагони суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, ки пардохтҳои иҷтимоӣ накар- | Дар заминаи сиёсати иҷтимоии пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи барномаҳои давлатӣ аз ҷумла, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ислоҳоти соҳаи нафақа бемайлон идома дорад. Дар ин радиф Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ” аз 12. январи соли 2010 ба тасвиб расида, барои рушди соҳаи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ такони ҷиддӣ бахшид. Новобаста аз ин Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ба ҷорӣ намудани техноло-гияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, дар идоракунии ин самт ва тараққӣ додани потенсиали кадрӣ ниёз дорад. Самти муҳими ислоҳот такмилдиҳии системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, баланд | Кӯмаки техникӣ барои ислоҳоти соҳаи нафақа дар Тоҷикистон<br><br>Ҷорӣ намудани системаи баҳисобгирии инфиродии ҳуқуқҳои нафақавии шахсони суғурташуда ба воситаи ташкили системаи втоматикунонидашудаи иттилоотӣ.<br><br>Азнавсозии КВД «Заводҳои протезии ортопедии» шаҳри Душанбе<br><br>Муҷаҳҳазгардонии МД «Пажӯҳишгоҳи ташхис ва барқарорсозии қобилияти кории маъюбон бо табобатгоҳ» таҷҳизоти тиббию реабилитатсионии муосир.<br><br>Таъсис додани ниҳоди (пойгоҳи) тайёр намудани кормандани ихтисосноки иҷтимоӣ ва менеҷерҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ.<br><br>Ташкил намудани шабакаи ягонаи иттилоотӣ оид ба табақаҳои ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷманд<br><br>Ташкили системаи автоматизатсияшудаи кор дар |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| **МЕҲНАТ МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ** | (ихтисос ва мансабҳоро), ки ҳангоми иҷрои онҳо нафақа аз синну соли муайяншуда барвақттар таъин мегардад. Хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолии камбизоат, хусусан ба пиронсолону маъюбон ва ветеранҳои ҷанг яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор рафта ин масъала дар Барномаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ мавқеи хоса дорад. Дар ҷараёни иҷрои тадбирҳои ҳукуматӣ оид ба беҳтар сохтани некуаҳволии табақаҳои ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷманд ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши асосиро мебозад. Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати татбиқи чорабиниҳои мазкур тадбирҳои мушаххас андешида, ҳаҷми маблағгузории соҳа сол аз сол афзоиш ёфта истодааст. Низоми идоракунии соҳа ва заминаи ҳуқуқии он низ мустаҳкам гардида, иқтидори кадрию иҷроияи соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ | даанд ва барои пардохти нафақаи иҷтимоӣ собиқаи суғуртавӣ надоранд;<br>-ташаккули системаи дастрас барои ҳамроҳшавии ихтиёрии ҳамаи хоҳишмандон ба сохтори таъминоти нафақавӣ, аз ҷумла барои муҳоҷирони меҳнатӣ;<br>Тадбирҳои аввалиндараҷа ва афзалиятноки ҳукуматӣ аз мақсадҳо ва стратегияи зерин иборат мебошанд:<br>-ташаккули системаи устувори молиявии ба принсипҳои суғуртавӣ асосёфта;<br>-дарёфти манбаъҳои иловагии маблағгузории кӯмакҳои унвонӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ;<br>- кам намудани хароҷоти маъмурӣ;<br>- мукаммал гардонидани пойгоҳи меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ;<br>- ислоҳоти системаи идоракунии уфуқии соҳа;<br>- ба танзим даровардани системаи нархгузорӣ ва | бардоштани сатҳи ҷолибияти он мебошад.<br>Барои ин таҳия ва ҷорӣ намудани ҳуҷҷати меъёрӣ оид ба суғуртаи иҷтимоӣ аз ҳолатҳои нохуш ва ҷойи кор ва бемориҳои касбӣ зарур мебошад. Ин тадбир ҳамчунин барои рушди системаи ҳифзи меҳнат дар кишвар муҳим мебошад.<br>Мутобиқи меъёрҳои муқарраргардида оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи нафақахӯрон, маъюбон ва дигар табақаҳои камби-зоати шаҳрвандони эҳтиёҷманд чораби-ниҳоро татбиқ менамояд; ба амал баровардани тавон-бахшии маъюбон, таъмини ҳуқуқ ва кафолатҳои иҷтимоии онҳо;<br>Барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду сол як маротиба дар асоси моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», Нақшаи миллии татбиқи | низоми хадамоти иҷтимоӣ; гузаронидани мониторинги татбиқи қонунҳо ва санадҳои зерқонунии соҳаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ.<br>Лоиҳаи таъмини заминаи моддӣ-техникии Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (дастрас ва насб намудани озмоишгоҳи ихтисосии бехатарии меҳнат). |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| **МЕҲНАТ МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ** | дар маҷмӯъ рӯ ба беҳбудӣ мегузорад. Сарфи назар аз муваффақиятҳои бадастомада ва динами-каи мусбии нишондиҳандаҳо дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва сатҳи зинадагии аҳолӣ масъалаҳои ҳалталаб вуҷуд дорад.Яке аз масъалаҳо ин тафриқа байни андозаи пардохтҳои иҷтимоӣ ва музди меҳнат мебошад. Чунончи андозаи ҳадди ақали кӯдакони маъюб баробари 50 % андозаи ҳадди ақалли нафақа ё худ 30 сомониро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин кӯмакпулиҳои иҷтимоии оилаҳое, ки кӯдаконашон дар мактаб-ҳои таҳсилоти умумии миёна механанд ба андозаи 20 - 25 сомонӣ дар нимсол муқаррар шудааст. Назорати давлатии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат, муҳофизати меҳнат, стандарт-ҳо, меъёрҳои бехатарии меҳнат, пардохти музди меҳнат, иҷтимоии сиёсати шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ. Гузаронидани ташхиси | назо-рати нархҳои истеъмо-лии маводи ниёзи мардум, бахусус маҳсулоти озуқа, аз қабили орд ва маҳсулоти ордӣ, қанд (шакар), равған ва чой;<br>- ба танзим даровардан ва тадриҷан ба тариқи накдӣ (монетизатсия) гузаронидани як қатор имтиёзҳо;<br>- ба намуди ягонаи кӯмакпулии иҷтимоӣ табдил дода-ни пардохти чубронпулиҳои барқу газ ва кӯмакпулиҳои мактаббачагон;<br>Назорати давлатии риояи қонунгузории ҶТ дар соҳаи меҳнат, муҳофизати меҳнат, стандартҳо, меъёрҳои беха-тарии меҳнат, пардохти музди меҳнат, иҷрои сиёсати шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;<br>Гузаронидани ташхиси шароити меҳнат ва аттестатсияи чойҳои корӣ. Ҳадафи асосии ин барномаҳо аз таъмини кафолатҳои ҳуқуқи консти-тутсионии шаҳрвадони ҶТ | Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2015 таҳия карда мешаванд. | |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| **МЕҲНАТ МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ** | шароити меҳнат ва атестатсияи ҷойҳои корӣ дар ташкилотҳо, муассисаҳо ва корхонаҳо, новобаста аз фаъолияташон. | ба меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, мусоидат ба шуғли аҳолӣ дастгирии гурӯҳи шаҳрвандоне, ки дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат рақобат карда наметавонанд, инчунин боздоштани сатҳи бекорӣ ва мӯътадил гардонидани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ иборат мебошад. | | |